# Зиёрати масҷиди пайғамбар (с) ва Хусусиятҳои маҷидҳои сегона

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

**Нависанда: Муҳаммад ибни Иброҳим ат-Тувеҷри**

**Тарҷумаи: Мусаби Ҳамза**

2009 - 1430

islamhouse.com

# زيارة المسجد النبوي و خصائص المساجد الثلاثة

« باللغة الطاجيكية »

مؤلف : محمد بن إبراهيم التويجري

ترجمة : مصعب حمزة

2009 - 1430
islamhouse.com

## Зиёрати масҷиди пайғамбар (с) ва Хусусиятҳои маҷидҳои сегона:

Масҷидҳои сегона: Масҷидулҳаром (дар Маккаи мукаррама (Кааба) ва масҷиди пайғамбар (с) дар Мадинаи мунаввара ва масҷидул Ақсо дар Фаластин.

1. Масҷидулҳаромро Иброҳим (а) ҳамроҳи писараш Исмоил (а) бино кардаанд ва он қиблаи мусулмонон аст ва ба сӯи он ҳаҷҷ ва зиёрат меоянд.

Масҷидулҳаром аввалин хонаест (масҷид ё хонаи худо), ки барои мардум бино шудааст (барои ибодат кардани худо).
Ва худованд ин хонаро муборак ва ҳидоят барои оламиён гардонидааст.
Масҷиди пайғамбарро Муҳаммад (с) ва саҳобагони гиромияш бино кардаанд ва бар асоси тақво ва худотарсӣ бино шудааст.
Масҷиди Ақсоро Яқуб (а) бино кардааст ва масҷиди Ақсо қиблаи аввалини мусулмонон аст (яъне пеш аз он ки худованд Каабаро барои мусулмонон қибла гардонад, мусулмонон ба тарафи масҷиди Ақсо намоз мехонданд).

2. Дучанд гардидани савоби намоз дар ин се масҷид.

Барои ҳамин хусусиятҳо фақат барои зиёрати ин се масҷид сафар кардан раво аст ва сафар кардан барои зиёрати қабри муайяне мутлақан ҳаром аст, агарчанде қабри набӣ бошад ё валӣ ё ягон бузургвор (яъне зиёрати қабристон мувофиқи шариат барои ба ёд овардани марг ва панд гирифтан ва дуо кардан дар ҳаққи майит суннат аст, аммо хос барои зиёрати қабри бузургворе сафар кардан ҷоиз нест).
Аз Абӯҳурайра (рз) аз пайғамбар (с) ривоят аст, ки гуфт: Рахти сафар баста намешавад магар ба сӯи се масҷид: Масҷидулҳаром (Макка), масҷиди пайғамбар (с) (Мадина) ва масҷиди Ақсо (Фаластин) (Бухорӣ ва Муслим ривоят кардааст).

### Ҳукми зиёрати масҷиди пайғамбар (с):

Барои мусулмонон суннат аст, ки масҷиди пайғамбарро зиёрат карда ва вақте ки дар он дохил шуд, ду ракаат намози таҳияи масҷид хонад.
Баъд аз он ба сӯи қабри расули худо (с) рафта дар наздаш меистад ва ба ӯ ингуна салом медиҳад:

Ассалому алайка аюҳаннабию ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ (Салом бар ту, эй расули худо (с) ва раҳмату баракати худованд бар ту бод), баъд аз он дуое, ки дар бораи дохил шудан ба қабристон ворид шудааст, онро мехонад.
Баъд аз он як қадам ба тарафи рост гузошта ҳамонгуна ба Абӯбакр (рз) салом медиҳад.
Баъд аз он як қадам ба тарафи рост гузошта ҳамонгуна ба Умар (рз) салом медиҳад.
Аз Абӯҳурайра (рз) ривоят аст, ки расули худо гуфт: Касе нест бар ман салом диҳад, магар ин ки худованд руҳи манро бармегардонад то ин ки саломи ӯро ҷавоб диҳад. (Аҳмад ва Абӯдовуд ривоят кардааст).

**Фазли намоз дар масҷиди Пайғамбар (с):**

Намоз дар масҷиди Пайғамбар (с) дар Мадинаи мунаввара баробар ба ҳазор намоз аст, дар дигар масҷид, магар Масҷидулҳаром (Макка, ки дар он як ракаат намоз ба сад ҳазор ракаат баробар аст).

1. Аз ибни Умар (рз) аз Пайғамбар (с) ривоят аст, ки гуфт: «Намоз дар масҷиди ман беҳтар ва афзал аст аз ҳазор намоз дар дигар масҷидҳо магар дар Масҷидулҳаром» (Бухорӣ ва Маслим ривоят кардааст).
2. Ва аз Абӯҳурайра (рз) аз Пайғамбар (с) ривоят аст, ки гуфт: «Мо байни хонаи ман ва минбари ман равзае аз равзаҳои (боғе аз боғҳои) ҷаннат аст ва минбари ман дар лаби ҳавзи ман аст» (Бухорӣ ва Муслим ривоят кардааст). (Хонаи Расули худо (с) ҳозир дар дохили масҷид аст, ки дар он дафн шудааст ва замини байни ин хона ва минбараш бо қолини сабз пӯшонида шудааст, ки мардум зиёд кӯшиш мекунанд, ки он ҷо намоз хонанд. Зеро мувофиқи ин ҳадис касе он ҷо намоз хонад гӯё дар равзае аз равзаҳои ҷаннат намоз хондааст.)

Ва зиёрати қабристони Бақеъ ва шуҳадои Уҳуд ва салом додан бар онҳо суннат аст, инчунин дуо ва талаби мағфират кардан барои онҳо ҳам суннат аст.
Вақти зиёрати қабристонҳо ин дуо гуфта мешавад: «Ассалому ало аҳлид диёри минал муъминина ва муслимина ва ярҳамуллоҳу алмустақдимина минно валмустаъхирина ва инно иншоаллоҳу бикум лалоҳиқун» (Муслим ривоят кардааст).

Тарҷума: Салом бар аҳли ин диёр аз муъминон ва мусулмонон ва раҳмат кунад худованд гузаштагон ва ояндагони моро ва мо дар ҳақиқат бо хости худо бар шумо мепайвандем.

3. Ё ин ки ин дуо гуфта мешавад: «Ассалому алайкум аҳлид диёри минал муъминина ва муслимина ва инно иншоаллоҳу лалоҳиқун ва асъалуллоҳа лано ва лакум алъофията». (Муслим ривоят кардааст).

Тарҷума: Салом бар шумо аҳли ин диёр аз муъминон ва мусулмонон ва мо дар ҳақиқат бо хости худо бар шумо мепайвандем, аз худованд барои мо ва шумо офият ва бахшишро талаб дорам.

## Фазли намоз дар масҷиди Қубо

Барои мусулмонон суннат аст, ки дар хонааш (агар мусофир бошад аз ҷои истиқоматаш) таҳорат карда ба сӯи масҷиди Қубо савора ё пиёда равад. Ва дар он ҷо ду ракаат намоз мехонад, ки савобаш баробар ба савоби як умра аст. Ва агар ин зиёрат (зиёрати масҷиди Қубо) рӯзи шанбе бошад, хубтар аст.

1. Аз Саҳл ибни Ҳаниф аз расули худо (с) ривоят аст, ки гуфт: «Касе ки худро дар хонааш пок кунад (таҳорат), баъд аз он ба масҷиди Қубо рафта намоз гузорад, барояш мисли аҷру савоби якумра насиб мешавад». (Насоӣ ва ибни Моҷаҳ ривоят кардааст).

2. Аз ибни Умар (рз) ривоят аст, ки гуфт: «Расули худо (с) ҳар рӯзи шанбе пиёда ва савора ба масҷиди Қубо меомад». (Бухорӣ ва Муслим ривоят кардааст).

Зиёрати масҷиди Пайғамбар дар Мадина (с) аз маносики ҳаҷ ё умра нест ва ҳаҷҷу умра ба зиёрати он ҷо ҳам пурра ва комил мегардад.

Вале зиёрати масҷиди Пайғамбар (с) ва намоз хондан дар он ҳар вақт, ки муяссар шавад, суннат аст.

Аз китоби «Мухтасари фиқҳи Исломӣ» гирифта шудааст